17 12 2018



**Низоми таърихи давлатдориву давлатсозии чандсадсолаи охири чомеа собит намудааст, ки хар як чараён ва ё неруи сиёсии амалкунанда, замоне ба хадафхои аслиаш муваффаку комгор мегардад, ки агар ичрои хостахояш ба мардум пайванди ногусастанӣ дошта бошад.**

Бо тавзехи нуктаи мукаддимотӣ ва бо таваччух ба эъмори давлати демокративу хукукбунёд, имрӯз сарохатан метавон афзуд, ки Хизби  Халкии  Демократии Точикистон тавассути хидоятхои ибратомӯзи Рохбари сохибфитрату накусиришташ, Асосгузори сулху вахдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Чумхурии Точикистон мухтарам Эмомалӣ Рахмон хамчун неруи тавонои пешбар дар ташаккул ва татбики арзишхои миллӣ накши муассиру мондагор дорад.

Макому манзалат ва шухрати намоёни ХХДТ каблан аз барномахои созанда, тадбирхои судманди кулли аъзо ва ибтикороти рохбарияти он манша гирифта, авлавияти рисолаташро барои бехбудии сатху сифати зиндагии сокинони мамлакат равона намудааст. Агар ба таърихи таъсисёбии ин хизби пешоханги мардумӣ назар афканем, пайдост, ки мархилахои душвори тайкардааш дар масири давлатсозии миллиамон бо дастоварду натичахои намоён бахогузорӣ мешавад.

Хизби Халкии Демократии Точикистон 10 декабри соли 1994 дар Анчумани муассисони Хизби Халкии Точикистон ташкил ёфта, дар Вазорати адлияи чумхурӣ 15 декабри соли 1994 тахти раками 199 сабти ном шудааст. Дар арафаи имзои Созишномаи умумии

истикрори сулх ва ризоияти миллӣ, 25 июни соли 1997, дар шахри Душанбе Анчумани III Хизби Халкии Точикистон доир гардид ва дар он номи хизб ба Хизби Халкии Демократии Точикистон табдил дода шуд.       18 апрели соли 1998 дар Анчумани IV ХХДТ, Раиси муаззами ХХДТ Эмомалӣ Рахмон таъкид намуданд: «Таърих гувох аст, сиёсатмадороне, ки мехоханд дар кишвари худ ислохоти куллӣ гузаронанд, бояд кабл аз татбики барномаи стратегии худ хамсафон ва хаммаслакони худро ёбанд».
Табиист, ки Хизби  Халкии  Демократии Точикистон фаъолияташро аз рӯзхои нахустини корӣ дар асоси конунхои амалкунанда ва меъёрхои чахони мутамаддин ба ичро расонда, дар самти гуногунандешии сиёсиву идеологӣ, хамкорӣ бо иттиходияхои чамъиятӣ ва хизбхои сиёсии дигари фаъол ба таври густарда ба рох монд.
Дар ин замина, нуктаи дигар ин аст, ки Хизби Халкии Демократии Точикистон дар муддати 24 соли фаъолияти босамар чор мархилаи таърихии ибратомӯзро паси сар намудааст. ХХДТ дар заминаи ташаккули чомеаи шахрвандӣ ва муттахидсозии хамдигар, рушду инкишоф ва таквияти сохахои мухими хочагии халкро ба инобат гирифта, вобаста ба талабу такозои чахони муосир мухимтарин накшаву барнома ва стратегияхои миллии ояндадорро рӯйи даст гирифт.
Бо таваччух ба ин нукта, метавон ёдовар шуд, ки давоми чанд соли охир, ХХДТ барои хар чи бештар густариш додани фарханги сулх ва решадор сохтани вахдату ризоияти миллӣ хамчун дастоварди нодири замон накши арзишманд дорад.
Бо камоли тавонмандӣ метавон гуфт, ки дар 24 соли фаъолияташ ХХДТ зери шиори «Барои вахдати миллӣ, сулху оромӣ, суботи сиёсӣ, созандагиву ободонӣ, рушди устувори иктисодӣ ва зиндагии шоистаи мардум» чомеаи моро ба мархилахои сифатан нав расонд.
Хамин тарик, бо натичагирӣ аз комёбихои арзишманд имрӯзхо Хизби Халкии Демократии Точикистон тахти рохбарии Асосгузори  сулху вахдати миллӣ - Пешвои миллат, Раиси муаззами ХХДТ, Президенти кишвар мухтарам Эмомалӣ Рахмон як мактаби бузургеро мемонад, ки омӯзиш ва азбарнамоии он метавонад хар яки моро ба пешравихои намоён комгору муваффак гардонад.
Бо истифода аз фурсати муносиб тамоми аъзо ва чонибдорони Хизби Халкии Демократии Точикистонро ба Рӯзи таъсисёбии ХХДТ шодбош гуфта, дар фаъолияти мехнатиашон ба хотири фардои шукуфои ин Ватани азиз ба ин миллати сохибсаодат, пешравихои намоёнро таманно дорем.

**Зоир РАХМОНЗОДА, раиси кумитаи ичроияи ХХДТ**
**дар шахри Душанбе**